Касоне, ки адлро пеша кардаанд бар минбарҳое аз нур дар тарафи дасти рости Худованд қарор доранд ва ҳарду дасти Ӯ Таъоло рост аст

Аз Абдуллоҳ ибни Амр (Худованд аз он ду розӣ бод) ривоят аст, ки мегӯяд: Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Касоне, ки адлро пеша кардаанд бар минбарҳое аз нур дар тарафи дасти рости Худованд қарор доранд ва ҳарду дасти Ӯ Таъоло рост аст, онҳо касоне ҳастанд, ки дар қазоват, дар мавриди аҳли худ ва дар масъулияти худ адолат меварзанд".

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) мефармоянд, онон, ки бар зердастон ва хонаводаи худ адолатро пеша мекунанд, барои гиромидошт онҳо дар рӯзи қиёмат бар минбарҳои баланд, ки аз нур офарида шудаанд, хоҳанд нишаст. Ин минбарҳо дар самти рости Парвардигор қарор доранд ва ҳарду дасти Ӯ субҳонаҳу ва Таъоло рост аст.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/4935